# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Қасида аз жанрҳои маълуму маъруфи адабиёти навини форсии тоҷикӣ баршумурда шуда, ҳанӯз дар замони Сомониён ташаккулу таҳаввул ёфта буду барои адабиёт ва тавассути адабиёт дар хидмати ҷомеа қарор дошт. Ҳамин аст, ки вобаста ба тағйиротҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва адабиву фарҳангӣ қасида дар адабиёти форсии тоҷикӣ тавониста, ки фарогири тамоми паҳлуҳои зиндагӣ бошад ва монанди жанрҳои дигари ғиноии адабиётамон зеби девонҳои суханварон қарор бигирад. Жанри қасида аз пайдоиш ба минбаъд якранг бори зиндагии одамон ва ҳавову ҳаваси эшонро набардоштааст, ки дар ин боб гуфтаниҳои зиёде гуфта шудаанд. Бо он ҳама метавон гуфт, ки паҳлуҳои алоҳидаи ин жанри адабӣ, аҳаммияту қимати ин шакли шеърӣ дар эҷодиёти бештар шоирони қасидасарои адабиёти форсии тоҷикӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашуда, ҳанӯз ҳам диққати аҳли таҳқиқро ба худ ҷалб намуда меояду намунаи чашмраси он қасоиди адиби забардасти асри Х11 Сайфи Исфарангӣ мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсияи нигошта ва мавриди муҳокима пешниҳоднамудаи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бамаврид дониста мешавад. Барои он ки унвонҷӯ ба ин шоири қасидасаро баҳои дархурди илмии худро пеш гузорад, дар муқаддима ба аҳаммият ва мубрамияти тадқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳояш, сарчашмаи таҳқиқот, навовариҳояш дар диссертатсия, аҳаммияти назарӣ ва амалии он таваҷҷуҳи асосиро равона менамояд. Аз ишораи унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия бармеояд, ки кор аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти таҳқиқотии марбут ба мавзӯъ иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия «Замони зиндагӣ ва ҳаёту эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ» (саҳ. 8-12) дар ду фасл ва як зерфасл дар фасли дувум равшан нишон медиҳад, ки унвонҷӯ барои баҳои илмӣ додан ба шоири

қасидасаро ба замони ӯ ва рӯзгорашу эҷодиёташ дахл намуда, сипас дар боби дувуми диссертатсия ба сохту муҳтавои қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ (12-18) дахл намудааст. Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки ин боб яке аз бобҳои асосии кор буда, унвонҷӯ ба ҳадафи дар пеши худ гузошта ҳатталимкон расида тавонистааст.

Боби севуми диссертатсия «Мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ» (18-20) дар бораи маҳорати шоирии эҷодкори асил ҳадафмандона баҳс мекунад.

Хулосаи диссертатсия дар автореферат ( саҳ. 20-23) нисбатан муфассал омада, он натиҷа ва маводи дар бобҳо матраҳгардидаро хеле равшан фаро гирифтаву ба ниёзмандон дарки масъаларо осонтар сохтааст. 8 мақолаи интишордодаи мусаннифи диссертатсия шаҳодати заҳматҳои пайвастаи ӯянд, ки дар ниҳоят дар шакли ин кори ҷамъбастӣ гирд омадаанд. Тарҷумаи русии автореферати диссертатсия ба матни асли он мувофиқат менамояд.

Дар автореферати диссертатсия баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе иштибоҳҳои техникӣ дида мешавад. Дугунанависӣ ҷой дорад, монанди «…адабиёти тоҷикии форсӣ» (саҳ.3;5) ва «…адабиёти тоҷику форс» (саҳ.3). Ҷумлаи «Санъати талмеҳоти дар мазмунсозию маъниофарии шоир мавқеи вижа касб кардаанд» (саҳ.22) таҳрир мехоҳад, ба таври зайл: ««Санъати талмеҳ дар мазмунсозию маъниофарии шоир мавқеи вижа дорад».

Ниҳоят, дар заминаи ошноӣ бо автореферати диссертатсия метавон гуфт, ки диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ» ба талаботи як диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй асту муаллифи он сазовори дарёфти ин дараҷа мебошад.

Мудири шуъбаи матншиносӣ
таҳқиқ ва нашри мероси хатии
Маркази мероси хаттии назди
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ Алии Муҳаммадӣ

Имзои А. Муҳаммадиро тасдиқ мекунам: нозири кадр

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ШУЪБАИ КАДРҲО МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ